Ба Шурои диссертатсионии 6D КОА – 019 –и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди конунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳлили диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионӣ марбут буда, бахшида шудааст. Диссертатсия ба раванди қонунгузории Маҷлиси Олии ҶТ, ки яке аз фаъолияти асосии парлумони кишвар ба ҳисоб меравад, ҷанбаҳои асосии раванди қабули қонунҳо барои замони муосир дар рушди қонунгузорӣ аҳамияти калонӣ амалӣ дорад таҳқиқ карда шудааст. Диссертатсияи С.Н. Якубова аввалин асари калонҳаҷми илмие мебошад, ки баъди таъсиси сохтори дупалатагии Маҷлиси Олии ҶТ ба таҳлилу хулосабарорӣ дар масъалаҳои дурнамо ва раванди қонунгузории парлумони кишвар боиси таҳқиқоти илмӣ гаштааст.

Маҳз раванди қонунгузории парлумон сифати баланди санадҳои меъёри ҳуқуқӣ - қонунҳоро, ки ба тариқи дастаҷамъона дар Маҷлиси Олии кишвар қабул карда мешавад муайян мекунад.

Таҳлили илмии раванди қонунгузории парлумон на танҳо мазмуни қонунҳоро муайян мекунад, балки дар амалия ба татбиқи онҳо низ таъсир мерасонад. Дараҷаи некуаҳволии халқ, ҳолати иҷтимоӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, ба дараҷаи ба амал баровардани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз фаъолияти қонунгузории онҳо вобаста аст. Чунин аҳамияти баланди раванди қонунгузории парлумон аз аҳамияти таҳқиқоти рисолаи илмӣ, ки аз ҷониби докторант С.Н. Якубова гузаронида шудааст, шаҳодат медиҳад.

Вакилон ва аъзоёни парлумон фаъолияти намояндагии худро бо таҳияи қонунҳо ва ҳуқуқэҷодкунӣ низ ба амал мебароранд, вале дар фарқият аз раванди қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунии парлумон аз пайи ҳам чараён гирифтани раванди конунгузорӣ фарқ мекунад. Назарияи илмӣ ва таҳқиқоти докторант Якубова С.Н низ роҷеъ ба амалигардонии ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ - мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, шаҳрвандони ҶТ асоснок карда шудааст. Аз ин таҳлилҳо ва таҳқиқоти гузаронидашуда бармеояд, ки доираи субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ мебошанд. Унвонҷӯ дар диссертатсия фарқияти ин мафҳумҳои ҳуқуқиро муайян намуда, қайд менамояд, ки дар фарқият аз ин мафҳумҳои ҳуқуқӣ, раванди қонунгузорӣ хусусиятҳои хоси худро доро мебошад. Ин раванд доираи субъектони худро дорад, ки он тағйир намеёбад, иштирокчиёни махсуси худро дорад, марҳилаҳои чараёни пайдарпайи худро дорад, ки ин раванди қонунгузорӣ танҳо аз ҷониби Маҷлиси Олӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраркардаи қонунгузории кишвар татбиқ мегардад.

Дар диссертатсияи мазкур аз тарафи унвонҷӯй ба принсипҳо аҳамияти калон дода шудааст. У принсипҳоро ба ду гуруҳ ҷудо кардааст: принсипҳое, ки ба ташкили конститутсионии Маҷлиси Олӣ ва принсипҳое, ки бевосита ба раванди қонунгузории Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ тааллуқ дорад мавриди омузиш қарор дода шудааст. Ва унвонҷуй бар он андеша аст, ки ин принсипҳое, ки ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудааст, баъди ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвар хусусиятҳои ба хосро касб кардааст, ки риоя накардани ин принсипҳо боиси гум кардани моҳияти раванди қонунгузории парлумонро ифода мекунад.

Бо муайян намудани доираи субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ муқаррар шудаанд ва оғозкунандаи расмиёти раванди қонунгузорӣ маҳсуб мeёбанд ба таври боварибахш исбот намудааст. Ва ин яке аз масъалаҳои мубрамияти диссертатсия низ ба ҳисоб меравад, ки барои субъектони ташаббуси қонунгузори аҳамияти калон дорад.

Илова бар ин дар диссертатсия С.Н. Якубова таклифҳо доир ба васеъ намудани ваколатҳои Суди конститутсионии ҶТ, Суди Олии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокурори генералии ҶТ, шаҳрвандони ҶТ дар ин самт ва додани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро пешбарӣ ва асоснок мекунад, ки ин асосноккунии

худи муаллиф мебошад, ҳамчунин аз амалияи кишварҳои хориҷӣ роҷеъ ба ин масъала изҳори ақида намудааст.

Муаллифи рисола ба ғояҳои рушди раванди қонунгузорӣ, ки дар адабиёти илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, посух дода, нуқтаи назари худро дар инъикоси эҳтимолии онҳо дар рушди раванди қонунгузории Маҷлиси Олӣ баён ва ҷиҳати илмӣ асоснок мекунад.

Навоварии илмии диссертатсияи С.Н. Якубова дар он аст, ки он як таҳқиқоти монографӣ-ҳуқуқии ҳаматарафаи хусусиятҳои аз тарафи илми ватанӣ ба кадри кофи омухта шудани танзими конститутсионию ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ дар давраи пас аз шуравӣ ва соҳибистиқлолии кишвар мебошад.

Дар асоси ин кори илмӣ ӯнвонҷу С.Н. Якубова, таҳқиқот хулосаҳои назариявӣ, ки моҳияти мақомоти сохтори конститутсионӣ ва ҳуқуқии раванди қонунгузориро ошкор намуда, дурнамои рушди онҳо дар марҳалаи ҳозира асоснок карда шудаанд.

Аз тарафи унвонҷуй ба масъалаи асосии раванди қонунгузории парламент, ки маҳсули он қабули санади меъёри ҳуқуқӣ – Қонунҳо мебошад андешаҳои илмӣ иброз намуда онро ҳаматарафа асоснок намудааст. Маҷмӯи пешниҳодҳои дар рисола зикршуда ба такмили раванди қонунгузории парлумон, қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ дар шакли қонун, ворид намудани тағйироту илова ва бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, қабули қарор дар рафти раванди қонунгузорӣ нигаронида шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳими ғояҳои имконпазирии демократикунонии раванди қонунгузорӣ ин иншитроки шаҳрвандони ҶТ дар ҳуқуқэҷодкунӣ, иштирок дар муҳокимаи умумихалқӣ мебошад. Баъди соҳибистиқлол гаштани ҷумҳурӣ ба шаҳрвандони ҶТ имкониятҳои васеъ доир ба ин масъалаҳо ба миён омадааст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон аввалин маротиба дар муҳокимаи умумихалқӣ доир ба қабули лоиҳаи қонунҳо иштирок доштанд. Ин ташаббус аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати милли - Пешвои миллат Президени ҶТ Эмомали Раҳмон роҳандозӣ шудааст, ки дар диссертатсия асоснок карда шудааст. Унвонҷуй андешаи худро оиди ин масоил ибрoз намуда, ҳамзамон қайд намудааст, ки дар давраи хеле кутоҳ шаҳрвандони Тоҷикистон дар маъракаҳои хеле муҳими сиёсӣ ва конститутсионӣ, дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ, муҳокимаи умумихалқӣ, таҷрибаи назаррас пайдо намуданд.

Аллакай қадамҳои нахустин монда шудааст. Ва дар оянда иштироки васеъи мардум дар ин маъракаҳои сиёсӣ ва конститутсионӣ боз ҳам бештар фаъол мегардад. Андешаронӣ, фикру мулоҳизаҳои худро иброз намудан ва аз ҷумла тафаккур ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони ҷумҳурӣ хеле баланд шуда, иштироки мардум дар муҳокимаҳои умумихалқӣ назаррас низ мебошад.

Вале қайд намудан лозим аст, ки фаъолияти Маҷлиси Олии ҶТ на танҳо аз қабули қонун иборат мебошад. Раванди қонунгузорӣ, яъне қабули қонун яке аз фаъолияти муҳим ва аввалиндараҷаи Маҷлиси Олӣ дар самти қонунгузорӣ мебошад, аммо Маҷлиси Олӣ салоҳияти хеле васеъро дорост. Ва таҳқиқоти унвонҷуй маҳз ба ҳамин масъала равона карда шудааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба тафсири расмии Конститутсия ва қонунҳо таваҷҷӯҳи зиёд дода шудааст. Унвонҷуй низ дар таҳқиқоти диссертатсия ин масъалаҳоро мавриди омузиш қарор дода чанд ҷанбаҳои худро пешниҳод намудааст. Аммо то имруз ин масъала дар амалияи парлумони кишвар ҳалли худро наёфтааст. Ҳамчунин дар рисола дар асоси идеяи илмӣ доир ба қабули қонун “Дар бораи тафсири расмии Конститутсияи ҶТ”, “ Дар бораи тафсири расмии қонунҳои дар раъйпурсии умумхалқӣ” қабул мешаванд, ибрози андеша шудааст. Яъне дар диссертатсия як қатор ҳолатҳое, ки доир ба амали нагаштани қабули тафсири Конститутсияи ҶТ, тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ ифода шудаанд.

Дар ин робита ба ин гуфтаҳо, дар рисола иштирок накардани Маҷлиси миллӣ дар қабули “Тафсири расмии қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо” руи қоғаз оварда шудааст.

Яке аз мубрамияти дараҷаи таҳқиқоти илмӣ дар он аст, ки робитаи диссертатсия бо барномаҳо ва Консепсияҳои қабулшуда оиди муайян намудани самти ҳуқуқэҷодкунии кишвар, банақшагирӣ ва мураттабсозии таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ифодаи худро ёфтааст.

Таҳияи нақшаҳои давлатии як - панҷсолаи кори қонунгузории Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Ҳукумати ҶТ қабули қонунҳои мукаммал, ки хеле арзишманд ба назар мерасанд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Банақшагирии раванди қонунгузорӣ муаян мекунад, ки дар кадом самт кадом қонунҳо қабул карда

шаванд, кадом қонунҳо мукаммал карда шаванд, зеро бидуни банақшагирӣ дурнамои раванди қонунгузиро муайян намудан хеле мушкил мебошад. Ва вобаста ба ҳамин бо мақсади банақшагирифтан ва такмил додани раванди қонунгузорӣ 19 феврали 2011 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин барои фаъолияти мақсаднок ва мунтазами раванди қонунгузорӣ 6 феврали соли 2018 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қабул карда шуд, ки он самти асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ унвонҷуй қайд менамояд, ки ба банақшагирӣ имкони ташаккули низоми қонунгузориро тавассути баррасии қонунҳои мукаммал ва зарури барои батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳим, инчунин баррасии дигар масъалаҳои қонунгузорӣ ки ба танзим ниёз доранд, фароҳам меорад.

Дар амалияи қабули санадҳои меъёри ҳуқуқӣ – қонун яке аз масъалаҳои муҳими раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад ва мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст ин ба амалбарории экспертизаи лоиҳаи қонунҳо мебошад. Унвонҷӯй С.Н. Якубова оиди ба амалбарории экспертизаи лоиҳаи қонунҳоро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, ҳамзамон як қатор пешниҳодҳо оиди беҳтар намудани сифати амали гаштани экпертизаҳо, бекор кардани баъзе аз экспертизаҳои такрорӣ, маҳдуд намудани сохторҳои давлатии экспертизаи такроршавандаро таҳқиқ намудааст.

Дар фарҷоми диссертатсия унвонҷуй ба яке аз давраҳои ниҳоии раванди қонунгузорӣ, ба имзо гузории қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ва ба қувваи амал даромадани онҳо бахшида ҷиҳатҳои илмии ин масъаларо баррасӣ намуда онро асоснок намудааст.

Ин яке аз давраҳои асосӣ ва ниҳоии раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, расман ба итмом расидани раванди қоннгузории парлумонро ифода мекунад. Зеро қонун бе имзои Сардори давлат қабул шуда ба ҳисоб намеравад ва ҳамзамон ба қуваи амал низ намедарояд. Яъне аз тарафи муаллиф имзои Президент ҳамчун ҳомии Конститутси, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта ба раванди қонунгузории парлумон хотима мегузорад, арзёбӣ шудааст. Аз ин лиҳоз ин давраи раванди қонунгузориро ҳама, аз ҷумла аъзоёни парлумон босаброна

интизоранд. Чунки, дар ҳолати ғайр ин қонун ба Маҷлиси намояндагон барои аз нав баррасӣ намудан пешниҳод карда мешавад, ки ин ба натиҷаи пурмаҳсули парлумон коста шудани фаъолити онҳоро тақозо менамояд. Ва ё гуфтан мумкин аст, ки бо имзо намудани қонун аз тарафи Президент маънои ҷамъбасти раванди қонунгузорӣ доир ба қабули қонунро ифода мекунад.

Аз тарафи унвонҷуй таҳлили муқоисавӣ низ ба назар мерасад. Яъне дар даврони шуравӣ чунин масаъалаҳо на он қадар аҳамияти муҳим доштанд. Унвонҷуй таҷрибаи шуравиро таҳлил ва муқоиса намуда, ба хулосае омадааст, ки ҳам қабули қонун, ҳам имзокунии қонун ва ҳам нашри қонун аз тарафи як мақомот - парлумон ба амал бароварда мешуд. Яъне ин ҳолатҳои дар боло нишондодашуда баъд аз соҳибистиқлолиятро ба даст овардани Тоҷикистон ба миён омада мавриди таҳқиқ ва омузиш карор дода шудааст. Яъне вакилони мардуми конунро ба манфиати халқ қабул намуда, ба сарвари давлат, ки он низ намояндаи бевоситаи халқ ба ҳисоб меравад барои имзо ва интишор пешниҳод менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки унвонҷуй дар диссертатсия ба таври илмӣ баррасӣ намудааст, ин андешаҳо роҷеъ ба нашри расмии қонунҳо, ки баъди имзои Президент интишор мешаванд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Баъзе анедашеҳое мавҷуданд, ки гуё интишори қонун яке аз давраҳои раванди қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Вале унвонҷуй ба тариқи илмӣ асоснок намудааст, ки интишори қонунҳо берун аз раванди қонунгузорӣ мебошад. Чунки дар ин ҷода аллакай парлумон дастрасӣ надорад. Ҳамчунин аз тарафи унвонҷӯй интишори расмии қонун ва интишори ғайрирасмии қонун мавҷуд буда, ҳамзамон фарқияти онҳо низ муайян шуда таҳлил гаштааст.

Ҳамаи ин гуфтаҳои боло имкон медиҳад, хулосаи умумӣ барорем, ки рисолаи доктории С.Н. Яқубова таҳқиқоти муосир, мукаммали илмӣ буда, бо навгониҳои худ фарқ карда, барои илми ҳуқуқи конститутсионӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи зиёда аз 17 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Мақолаҳо бо мазмуни мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Теъдоди маводҳои чопшуда ба банди 35 Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Якубова С.Н., ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омузиши матни таҳқиқоти рисола ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дарачаи илмӣ пурра ба талаботи мукаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Чунки пешниҳод ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ равона шуда, ҳамзамон ҳангоми таҳия ва татбиқи он ба Дастури Маҷлиси намояндагон дар Маҷлиси Олӣ истифода шаванд.

Дар маҷмуъ, Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Дар матни диссертатсия меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ ва илмӣ риоя карда шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлили ҳуқуқи-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқат дошта барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ тавсия карда мешавад.

**Мушовири илмӣ -** доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Зоир Ҷ. М.**

Имзои “Зоир Ҷ.М.”-ро тасдиқ менамоям,
и.в. нозири калони кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон **Нематова П.М.**

**Суроғаи мушовири илмӣ:**734025,шаҳри Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел. (99237) 221-56-89 e-mail: www.ifanrt.tj.
«24» январи 2024 сол.